# Шарҳи моҳонаи таваррум • Апрели 2020

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи апрели соли 2020 ба 2,2 фоиз баробар гардид, ки ин нишондод нисбат ба моҳи қаблӣ 0,6 банди фоизӣ (б.ф.) ва ҳамин моҳи соли гузашта 1,2 б.ф. зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоишёбии нархи маҳсулоти хӯроквории 5,0 фоиз (саҳм дар таваррум 2,7 б.ф.) таъсир расонид. Дар баробари ин коҳишёбии нархи молҳои ғайрихӯроквории 1,1 фоиз (-0,3 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 1,0 фоиз (-0,2 б.ф.) ба назар расид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквории бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 12,0 фоиз, равғани пахта 4,4 фоиз, шакар 3,2 фоиз, биринҷ 1,3 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,4 фоиз, меваҷот 5,3 фоиз (аз ҷумла себ 4,0 фоиз), сабзавот 11,7 фоиз (аз ҷумла сабзӣ 18,3 фоиз, картошка 56,7 фоиз) ва тухм 15,1 фоиз ба қайд гирифта шуданд, ки асосан аз ҳисоби омилҳои берунӣ ва мавсимӣ арзёбӣ мегардад.

Аз тарафи дигар дар моҳи апрели соли ҷорӣ нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквории, аз қабили шир 4,5 фоиз, карам 3,4 фоиз, пиёз 13,5, фоиз, гӯшти мурғ 0,8 фоиз, помидор 20,5 фоиз ва бодиринг 68,1 фоиз раванди коҳишёбӣ доштанд.

Бояд қайд намуд, ки дар моҳи баррасишаванда аз маҳсулоти хӯроквории бештар қиматшавии нархи орди навъи якум (ҳисса дар таваррум 1,1 б.ф.), ки вазни хоси он дар сабади истеъмолӣ 9,0 фоизро ташкил медиҳад, ба назар расид.

Яке аз омилҳои асосии боло рафтани нархи орди навъи якум дар кишвар ин коҳишёбии ҳаҷми воридоти гандум бинобар маҳдуд намудани содироти он аз ҷониби кишварҳои содиркунанда, боло рафтани нархҳои воридотӣ, инчунин зиёд гардидани талабот аз ҷониби аҳолии кишвар вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷа, ба монанди моҳи қаблӣ норасоии маҳсулотҳои кишоварзии истеҳсоли дохилӣ (аз ҷумла гандум ва сабзавот) ва бо нархҳои гаронтар ворид гардидани онҳо аз кишварҳои шарикони савдо барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ боиси болоравии нарх дар бозорҳои ҷумҳурӣ дар моҳи апрели соли ҷорӣ гардид.

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи картошка ва пиёз, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Тибқи маълумоти омори гумрукӣ, дар чор моҳи соли ҷорӣ ба Ҷумҳурӣ ба миқдори 331,6 ҳазор тонна гандум (аз ин миқдор 127,7 ҳазор тонна ба моҳи апрел соли ҷорӣ рост меояд) ба маблағи 78,2 млн. доллари ИМА (аз ин маблағ 31,2 млн. доллари ИМА ба моҳи апрели соли ҷорӣ рост меояд) ворид карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз рӯи миқдор 11,9 фоиз кам мебошад. Дар ин давра нархи миёнаи гандуми ба Ҷумҳурӣ воридкардашуда барои 1 тонна 236,0 доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,9 фоиз ё 40,8 доллари ИМА зиёд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар давоми моҳҳои январ-апрели соли ҷорӣ афзоишёбии нисбии нархи орд ва сабзавот натанҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар кишварҳои шарикони асосии савдо низ (аз қабили Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон) ба қайд гирифта шудааст (ҷадвал замима мегардад).

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи апрели соли ҷорӣ бештар арзоншавии нархи сӯзишвории дизелӣ 5,0 фоиз, бензини навъи АИ-92 15,0 фоиз ва гази моеъ 16,0 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Яке аз сабабҳои асосии коҳишёбии нархи маводи сӯзишворӣ дар кишвар ин пастравии нархи он дар бозорҳои ҷаҳонӣ бинобар паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-19) мебошад, ки дар натиҷаи кам гардидани талабот аз ҷониби кишварҳои бузурги истеъмолкунандагони ин маҳсулот ба вуқуъ пайваст.

Нарху тарифаҳои хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ низ дар моҳи апрели соли ҷорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба -1,0 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи арзоншавии нархи хизматрасонии манзилию коммуналӣ -3,1 фоиз (бахусус гази моеъ -17,2 фоиз) ба амал омад.

**Таваррумi солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи апрели соли ҷорӣ ба 10,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 1,3 б.ф. ва ҳамин моҳи соли гузашта 2,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Тибқи таҳлилҳо омилҳои асосии ба ин раванд таъсиррасон ва аз доираи дурнамои муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум, пеш аз ҳама торафт васеъ паҳн шудани пандемияи коронавирус (COVID-19) дар ҷаҳон, кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ аз ҷониби кишварҳои содиркунанда ва маҳдуд шудани ҳамлу нақл дар сарҳадҳои бархе аз давлатҳои шарикони савдо ба ҳисоб меравад.

**Тағйирёбии нархи бензини АИ-92 ва гази моеъ, бо % моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумi аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Маврид ба зикр аст, ки вобаста ба ҳолати пандемияи коронавирус (COVID-19), кам шудани даромаднокии аҳолӣ ва ба ин васила коҳиш ёфтани талабот, суст шудани фаъолнокии иқтисодиёт ва дигар омилҳо аксари бонкҳои марказии давлатҳои ҷаҳон ҷиҳати дастгирии иқтисодиёт сиёсати ҳавасмандгардонии монетариро (тавассути паст намудани меъёрҳои фоизӣ, ҷалб намудани қарзҳои имтиёзноку грантҳо ва дигар маблағгузориҳо) ба роҳ монда, дар сатҳи иқтисодиёти минтақа ва ҷаҳон номуътадилии сатҳи таваррум ба назар мерасад.

Бонки миллии Тоҷикистон низ ҷиҳати дастгирии иқтисодиёти кишвар ва пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, бинобар зиёд гардидани таъсири хавфҳои пандемияи коронавирус (COVID-19) сиёсати ҳавасмандгардонии пулию қарзиро ба роҳ монда, меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд, муваққатан то 31 декабри соли 2020, бо пули миллӣ ба андозаи 2,0 б.ф. (дар сатҳи 1,0 фоизи солона) ва бо асъори хориҷӣ 4,0 б.ф. (дар сатҳи 5,0 фоизи солона) паст карда шуд. Иқдоми мазкур метавонад имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявиро дар давраи буҳронӣ беҳтар намуда, ба маблағи 247,1 млн. сомонӣ пардохтпазирии иловагиро барои низоми бонкӣ пешниҳод намояд.
Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки тибқи қарори Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2020, №20 меъёри бозтамвил 1,0 банди фоизи паст карда шуда, дар сатҳи 11,75 фоизи солона аз 1 майи соли 2020 муқаррар карда шуд.

Сатҳи таваррумии аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи апрели соли ҷорӣ 0,4 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,6 фоиз баробар гардид, ки аз маҳдуд будани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум шаҳодат медиҳад.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифодаи босамари воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | Апрел, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | | 2020 | | | | |
| | | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **8,0** | **7,8** | **9,3** | **10,6** | **2,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **11,2** | **10,4** | **13,5** | **17,3** | **5,4** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,3 | 10,2 | 13,5 | 23,1 | 7,7 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 7,1 | 4,7 | 4,0 | 3,1 | 1,3 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 16,0 | 12,3 | 17,3 | 33,7 | 12,0 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 22,0 | 21,1 | 20,6 | 18,4 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 27,0 | 25,8 | 25,2 | 22,3 | 0,0 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | 7,2 | -1,1 | -5,1 | 14,7 | 15,1 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,3 | 5,5 | 6,7 | 5,3 | -1,9 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 5,8 | 5,6 | 11,0 | 5,8 | -4,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | -0,8 | -1,1 | 0,5 | 4,6 | 2,7 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 0,7 | 9,0 | 12,1 | 18,5 | 5,3 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 19,9 | 19,5 | 29,9 | 28,1 | 11,7 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -7,1 | -5,8 | -0,2 | 3,6 | 3,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | 0,9 | 0,4 | -0,8 | -5,3 | -0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **1,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **-0,1** | **0,9** | **1,9** | **0,4** | **-1,4** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **4,5** | **5,1** | **5,0** | **4,0** | **-1,1** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,5 | 4,5 | 4,2 | 3,8 | -0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 4,4 | 4,6 | 5,5 | 5,7 | 0,3 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 3,7 | 2,7 | 2,9 | 2,7 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 13,6 | 16,6 | 16,5 | 15,6 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | -0,1 | 6,4 | 4,2 | -7,0 | -12,8 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -9,2 | -3,5 | -2,1 | -3,4 | -9,4 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | 2,1 | -1,0 | -0,7 | 0,4 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 3,5 | 3,0 | 2,9 | 3,3 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **5,5** | **5,1** | **4,7** | **3,8** | **-1,0** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 10,6 | 12,8 | 11,0 | 8,6 | -3,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 3,1 | 4,2 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,4 | 1,4 | 1,1 | 1,1 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 2,3 | 14,2 | 5,9 | -5,6 | -15,5 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | 2,4 | -1,5 | -1,4 | -1,7 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,7 | 1,7 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,3 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 3,9 | 4,1 | 4,4 | 4,3 | 0,2 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо

## Муқоисаи сатҳи таваррум байни кишварҳои шарикони асосии савдо* (бо фоиз)

| Нишондиҳанда | Тоҷикистон | | Қазоқистон | | Қирғизистон | | Ӯзбекистон | | Русия | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | янв-апр с. 2020 | солона (апрели с. 2020) | янв-апр с. 2020 | солона (апрели с. 2020) | янв-апр с. 2020 | солона (апрели с. 2020) | янв-апр с. 2020 | солона (апрели с. 2020) | янв-апр с. 2020 | солона (апрели с. 2020) |
| Таваррум | 4,9 | 10,6 | 3,2 | 6,8 | 5,0 | 8,6 | 4,5 | 14,5 | 2,1 | 3,1 |
| аз он: | | | | | | | | | | |
| Маҳсулоти хӯрокворӣ | 9,4 | 16,3 | 5,5 | 10,4 | 10,1 | 16,3 | 7,7 | 19,1 | 4,0 | 3,5 |
| аз он: | | | | | | | | | | |
| Орди навъи якум | 14,0 | 33,7 | 4,2 | 20,3 | 20,8 | 34,2 | 8,1 | - | 5,8 | 6,1 |
| Равғани растанӣ | -1,6 | 1,0 | 0,2 | 0,3 | 5,2 | 6,8 | 3,5 | - | 1,7 | -0,1 |
| Шакар | 6,6 | 3,6 | 13,0 | -11,6 | 13,5 | 0,4 | 3,6 | - | 19,1 | -15,9 |
| Сабзавот | 33,6 | 28,1 | 24,9 | 4,2 | 34,2 | 35,7 | - | - | 26,2 | -13,4 |
| аз он: | | | | | | | | | | |
| Картошка | 119,9 | 125,7 | 28,3 | 44,2 | 73,9 | 114,0 | 55,4 | - | 29,0 | 2,1 |
| Пиёз | -9,6 | 8,8 | 26,7 | 8,2 | 38,9 | 40,0 | 35,8 | - | 83,5 | 19,5 |
| Сабзӣ | 6,7 | -43,8 | 15,7 | 8,5 | 2,0 | 3,5 | 13,1 | - | 38,1 | -11,6 |

*манбаъ: омори расмии кишварҳо